*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, баргузор мегардад. Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Файзов Назруллох Зубайдуллоевич дар мавзуи “Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ” барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.**

Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, густариши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, масъалаи такмили маркетинги бонкии рақамӣ аҳамияти махсус касб намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои молиявӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва аз ҷиҳати назариявию амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии маркетинги бонкии рақамиро таҳлил намуда, консепсияҳои муосири он, воситаҳои рақамии маркетинг ва самаранокии татбиқи онҳоро дар фаъолияти бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор диҳад. Дар доираи таҳқиқот хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинги рақамӣ дар соҳаи бонкдорӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушди он ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои рақамӣ таҳлил шудаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар таҳияи равишҳои муосир оид ба такмили механизми маркетинги бонкии рақамӣ, пешниҳод намудани модели арзёбии самаранокии фаъолияти маркетингии бонкҳо дар муҳити рақамӣ ва

асоснок намудани самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили сиёсати маркетингии ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ истифода шаванд.

Муаллиф зимни таҳқиқот аз усулҳои таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, баҳодиҳии иқтисодӣ ва усулҳои оморӣ истифода намуда, ба ин васила эътимоднокии хулосаҳои илмиро таъмин кардааст. Асоснокии натиҷаҳо бо истифодаи маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти ташкилотҳои молиявии ватанӣ ва хориҷӣ тақвият дода шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди рақамии бонкҳо, барномаҳои маркетингӣ ва механизмҳои ҷалби мизоҷон дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таълими фанҳои марбут ба маркетинг, бонкдорӣ ва иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз татаҷрибаи хориҷии истифода намуда дар раванди рақамикунонии маркетинги бонкӣ ба низом дароварда, барои татбиқи он бо назардошти шароити институтсионалӣ ва инфрасохтории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо таҳия карда ҳаст. (саҳ 19)

Муаллиф раванди рушди технологияҳои рақамиро дар бахши бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, як қатор марҳилаҳои асосиро ҷудо намудааст. (саҳ 21)

Муаллиф қайд мекунад, ки муштарӣ дар муҳити рақамӣ суръат, шаффофӣ ва фардикунониро интизор аст. Ин бонкҳоро водор мекунад, ки амсилаҳои ба бахшҳо ҷудо кардан (бо истифода аз имконияти зеҳни сунъӣ) ва кифҳои инфиродии маркетингро сохта, ҳамчунин имкониятҳои таҳлили рафторро истифода баранд. (саҳ 28)

Мундаричаи автореферати диссертатсия тибқи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ ва мутобиқ ба сохтору талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Дар автореферат масъалаҳои асосии таҳқиқот ба таври пайгирона ва асоснок инъикос ёфта, робитаи мантиқии байни мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳо таъмин карда шудааст.

Автореферат дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, мустақилияти муаллиф дар таҳлили масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқот равшан эҳсос мегардад. Асосҳои илмӣ ва амалии таҳқиқот эътимоднок буда, дар ҷараёни иҷрои он аз усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, оморӣ ва системавӣ истифода шудааст, ки ба ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузоштаshuда мусоидат намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада бо муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, аз вазифаҳои илмии дар назди таҳқиқот гузоштаshуда маншаъ мегиранд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок гардида, мазмун ва моҳияти таҳқиқоти илмиро пурра инъикос менамоянд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маҷмуи усулҳои илмии таҳқиқот, ҳаҷми кофии маълумотҳои таҳлилшуда, коркарди омории натиҷаҳо, инчунин нашри мақолаҳои илмӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ тасдиқ мегардад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ бармеоянд. Ҳамаи хулосаҳои илмӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд барои такмили сиёсати рушди маркетинги бонкии рақамӣ ва

баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои карзии молиявӣ истифода шаванд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳкикот, дар автореферат баъзе масъалаҳо ҷой доранд, ки метавонанд дар таҳкикоти минбаъда мукаммалтар баррасӣ гарданд:

1. Дар таҳкикот нишондиҳандаҳои муқоисавии фаъолияти маркетинги рақамии бонкҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ таҳлил карда нашудаанд. Агар муаллиф самаранокии воситаҳои маркетинги рақамиро дар байни бонкҳои пешсафи кишвар дар асоси нишондиҳандаҳои мушаххас (шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ, сатҳи ҷалби муштариён, ҳаҷми амалиётҳои онлайн ва ғайра) муқоиса менамуд, арзиши таҳлилии кор боз ҳам баландтар мегардид;

2. Дар қисмати арзёбии самаранокии маркетинги бонкии рақамӣ таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ ба сатҳи истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ аз ҷониби аҳолӣ ба таври амиқ баррасӣ нашудааст. Таҳлили фаркиятҳои истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ вобаста ба синну сол, сатҳи саводнокии рақамӣ ва минтақаҳои истиқомат метавонист барои асоснок намудани хулосаҳо ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда мусоидати бештар намоя.

Дар қисмати арзёбии самаранокии маркетинги бонкии рақамӣ таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ ба сатҳи истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ аз ҷониби аҳолӣ ба таври амиқ баррасӣ нашудааст. Таҳлили фаркиятҳои истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ вобаста ба синну сол, сатҳи саводнокии рақамӣ ва минтақаҳои истиқомат метавонист барои асоснок намудани хулосаҳо ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда мусоидати бештар намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳамияти илмӣ, навгонӣ ва арзиши амалии таҳкикоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, аз мухтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар мавзуи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим мебошад ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
д.и.и., дотсент, мудири кафедраи
баҳисрбгирии бухгалтерии ДМТ Давлатзода М.Х.

*Имзои Давлатзода М.Х.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«16» 06 соли 2026

Суроға: 739960, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Рӯдакӣ 17
Телефон 221-62-25,